**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ФАРМОИШ**

аз «01» ноябри соли 2021 № 311/ф.и ш. Душанбе

Дар бораи рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505),

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Қарори шӯрои диссертатсонии 6D.КОА-023 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Ҳайдарова Муслимахон Ҳусейновна дар мавзӯи «Совершенствование механизма управления экономическим развитием регионов (на материалах Согдийской области Республики Таджикистан)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти минтақавӣ) бинобар риоя нагардидани талаботи банди 16 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505) ва банди 10 Дастурамал дар бораи санҷиши диссертатсияҳо оид ба мавҷуд будани асардуздӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2019, №9) бекор карда шавад.
2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Ҳайдарова Муслимахон Ҳусейновна рад карда шавад.
3. Баррасии такрории диссертатсияи Ҳайдарова Муслимахон Ҳусейновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ тибқи муқаррарот ба роҳ монда шавад.
4. Раис, муовин ва котиби илмии шӯрои диссертатсионии мазкур огоҳонида шаванд.

5. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2021, №8.

Раис Розиқзода А.